**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

барои ишғол намудани мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ ОЗМУНИ кушод эълон менамояд:

**Номгӯи мансаб:**

1. Раёсати ташкил ва анҷом додани хариди давлатӣ:

- сардори раёсат - 1 воҳиди корӣ (таҳсилоти олӣ дар соҳаи идоракунии хариди давлатӣ ва дигар ихтисосҳои муносиб, ки иҷрои самараноки вазифаро таъмин карда метавонанд, 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи дуюм ё 6 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ва ё 7 сол собиқаи умумии меҳнатӣ), маоши мансабӣ - 4409 сомонӣ.

2. Шуъбаи таҳлил, назорат ва таъминоти иттилоотии хариди давлатӣ:

- сардори шуъба - 1 воҳиди корӣ (таҳсилоти олии иқтисодӣ, ҳуқуқшиносӣ ва дигар ихтисосҳои муносиб, ки иҷрои самараноки вазифаро таъмин карда метавонанд, 4 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 5 сол собиқаи умумии меҳнатӣ), маоши мансабӣ - 2967 сомонӣ;

- мутахассиси пешбар - 1 воҳиди корӣ (таҳсилоти олии иқтисодӣ, ҳуқуқшиносӣ ё дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ, 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ ё хизмати давлатӣ), маоши мансабӣ - 1798 сомонӣ.

3. Шуъбаи амалисозии хариди давлатӣ барои соҳаҳои сохтмон, ободонӣ ва инфрасохтор:

- сардори шуъба - 1 воҳиди корӣ (таҳсилоти олӣ дар соҳаи идоракунии хариди давлатӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқшиносӣ ё муҳандис - иқтисодчӣ, 4 сол собиқаи хизмати давлатӣ ва ё 5 сол собиқаи умумии меҳнатӣ), маоши мансабӣ - 2967 сомонӣ.

4. Бахши умумӣ, кадрҳо ва корҳои махсус:

- мудир - 1 воҳиди корӣ (таҳсилоти олӣ дар соҳаи идоракунии давлатӣ ё кадршинос, ҳуқуқшинос, омӯзгор, психолог, сотсиолог ё дигар соҳаҳои гуманитарӣ, 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 4 сол собиқаи умумии меҳнатӣ), маоши мансабӣ - 2434, 85 сомонӣ;

- сармутахассис (кадршинос) - 1 воҳиди корӣ (таҳсилоти олӣ дар соҳаи идоракунии давлатӣ ё кадршинос, ҳуқуқшинос, омӯзгор, психолог, сотсиолог ё дигар соҳаҳои гуманитарӣ, 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ), маоши мансабӣ - 2204 сомонӣ.

5. Бахши ҳуқуқ, такмил ва мониторинги хариди давлатӣ:

- сармутахассис – 1 воҳиди корӣ (таҳсилоти олии касбии ҳуқуқшиносӣ ё иқтисодӣ, 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ), маоши мансабӣ - 2204 сомонӣ.

6. Бахши минтақавии Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ВМКБ:

- мутахассис – 1 воҳиди корӣ (таҳсилоти олӣ дар соҳаи идоракунии хариди давлатӣ ё таҳсилоти олии иқтисодӣ, ҳуқуқшиносӣ, 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ ё хизмати давлатӣ), маоши мансабӣ – 1398,1 сомонӣ.

Малакаи хуби роҳбарӣ, муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ, кор бо компютер ва таҷҳизоти коммуникатсионии идоравӣ, донистани забони давлатӣ ва як забони хориҷӣ барои ҳамаи довталабон ҳатмист.

Ба шахсоне, ки хизмати ҳарбиро адо намуданд, забонҳои хориҷиро медонанд ва унвонҳои соҳавии илмӣ доранд, афзалият дода мешавад.

**Довталабон ба Комиссияи озмунӣ ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамоянд:**

- ариза ба унвони роҳбари мақомоти давлатӣ (шакли муқарраршуда);
- варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо (бо ду дона расми андозаи 4x6);
- тарҷумаи ҳол;
- нусхаи шиноснома;
- нусхаи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи таҳсилот;
- нусхаи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи собиқаи меҳнатӣ (дафтарчаи меҳнатӣ);
- нусхаи билети ҳарбӣ (барои шахсони дорои уҳдадории ҳарбӣ);
- маълумотнома оид ба вазъи саломатӣ (шакли 038);
- нусхаи гувоҳинома аз мақомоти андоз (РМА);
- маълумотнома аз ҷои зист;
- нусхаи шаҳодатномаи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ (СИН);
- маълумотнома дар бораи надоштани доғи судӣ (аз Сармаркази иттилоотӣ-таҳлилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон);

Довталабон метавонанд ҳуҷҷатҳои мазкурро тавассути суроғаи электронии info@zakupki.gov.tj ё бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Шотта Руставелӣ, 22 пешниҳод карда, маълумоти иловагиро дар хусуси низоми озмун, салоҳият ва вазифаҳои мансабӣ ба воситаи телефони 227-66-21 ё сомонаи www.zakupki.gov.tj дастрас намоянд.

Муҳлати ниҳоии қабули ҳуҷҷатҳо 21 рӯз пас аз нашри эълони мазкур дар воситаҳои ахбори омма (то соати 17.00) муқаррар мешавад.